# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.**

Адабиёти форсии тоҷикӣ баҳри беканорест, ки дар қаъри он гавҳарҳои қиматбаҳое нуҳуфтаанд. Ин гавҳарҳо як-як кашф мегардanду осору ашъорашон пешниҳоди оммаи хонандагон мегардад. Яке аз чунин гавҳарҳо Саҳобии Астарободӣ мебошад, ки имрӯз рӯзгору осораш таҳқиқ гардидаву пешниҳоди адабдӯстон гардонида мешавад. Таҳқиқи рӯзгору осори Мавлоно Саҳобии Астарободӣ дар воқеъ дар адабиётшиносии тоҷик кори ҷадид маҳсуб мегардад, зеро то кунун доир ба рӯзгору осори ин адаб ғайр аз маълумоти энсиклопедӣ дигар иттилооти кофӣ дастрас набуд. Хушбахтона, имрӯз қадами нахустин дар шинохти Саҳобӣ гузошта шуд ва боварии комил дорем, ки дар оянда паҳлуҳои дигари ҳаёт ва осори ӯ мавриди пажуҳиши адабиётшиносон қарор мегиранд, зеро Саҳобии Астарободӣ яке аз шоирони маъруфи рубоисарои охири асри XVI ва ибтидои асри XVII милодӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду инкишофи жанри рубоӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми арзандае гузоштааст. Рубоиёти Саҳобии Астарободӣ аз шумори беҳтарин намунаҳои назми ирфонию ахлоқӣ ва фалсафӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мегарданд. Инчунин, ба назари мо муаррифии Саҳобӣ аз чанд ҷиҳат барои адабиётшиносии мо зарур аст:

1. Саҳобии Астарободӣ дар замони худ яке аз шоирони машҳури рубоисаро эътироф гардида буд;
2. Муҳаққиқон ӯро охирин шоир медонанд, ки рубоиёти фалсафӣ гуфтааст;
3. Дар тазкираҳо ҳамчун шоири маъруфи рубоисаро, ғазалсаро ва ориф ситоиш шудааст.

Таҳқиқи аҳвол ва осор ин шоири ориф гоми нахустин ҷиҳати пур кардани халои таҳқиқи удабои асрҳои мазкур мебошад. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳамияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович, ки зери унвони «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» ба анҷом расонидааст, дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба рӯзгору осори Саҳобии Астарободӣ ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули жанри рубоӣ, ғазал, маснавӣ ва дигар навъҳои адабӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ таҳқиқи

диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Бар ин асос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи номзади илмро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Имрӯз низ баъзе суханварон ва орифони ин давра, ки соҳиби осори пурарзишанд, аз назари таҳқиқ дур мондаанд. Алалхусус, Саҳобии Астарободӣ яке аз шоирони боистеъдоду забардаст, ориф ва мутафаккири охири асри XVI ва аввали асри XVII, ки то ҳол дар бораи ҳаёту фаъолияти адабии ӯ таҳқиқоти мукаммал сурат нагирифтааст» (диссертатсия, саҳ. 3).

Роҷеъ ба рӯзгору осори Саҳобӣ таҳқиқоте сурат нагирифта бошад ҳам, дар тазкираву баёзҳо, донишномаву луғатномаҳо монанди: «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ, «Сарви озод»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудратуллоҳи Гупомуйӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳерман Эте, «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо, «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур, «Луғатномаи Деҳхудо»-и Алиакбари Деҳхудо, «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо, «Энсиклопедияи советии тоҷик» ва дар дигар манбаъҳои адабию таърихӣ ва илмӣ маълумот оварда шудааст. Муаллиф бо зикри сарчашмаҳои фавқ саҳми онҳоро дар шинохти Саҳобии Астарободӣ ва аҳволу осори шоир қобили таваҷҷуҳ зикр намуда, ҳамчунин, қайд намудааст, ки дар адабиётшиносии муосири форсу тоҷик таҳқиқоти мукаммалу алоҳидае, ки фарогири ҳама ҷанбаҳои ҳаёт ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ бошад, то ҳанӯз ба вуҷуд наомадааст. Бинобар ин, муаллиф омӯзишу пажуҳиши рӯзгор ва осори Саҳобии Астарободиро яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар адабиётшиносии муосири тоҷик дониста, баҳсу баррасии онҳоро дар шакли як диссертатсия талаби замон донистааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зиҳир меёбад, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори адиб, забон ва услуби баёни яке аз симоҳои машҳури адабиёти охири асри XVI ва аввали асри XVII, рубоисарои барҷаста Саҳобии Астарободӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашуда ва нахустин бор зиндагиномаи адиб ва осори ӯ, хусусан андешаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ва услуби баёни шоир баррасӣ шудаанд. Агар ба таърихи омӯзиши мавзуи мазкур дар Тоҷикистон

муроҷиат шавад, воқеан то ба имрӯз таҳқиқоте доир ба зиндагинома ва эҷодиёти ин шоири ориф рӯйи кор наомадааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки қабл аз ҳама ин диссертатсия метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI ва XVII ба кор бурда шавад, зеро то ҳол адабиёти асрҳои мазкур мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин диссертатсия метавонад дар таҳқиқи адабиёти асрҳои фавқуззикр маводи арзишмандеро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, барои таҳқиқи андешаҳои фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии шоир заминаи мусоид фароҳам созад. Диссертатсия аввалин пажуҳиш доир ба ҳаёт ва осори Саҳобии Астарободӣ буда, дар он қариб тамоми маъхазҳо, хусусан тазкирaву баёзҳо, ки дар борaи шоир иттилоъ додаанд, зикр гардидаанд. Илова бар ин, доир ба нусхаҳои қаламии ашъори адабию фалсафии шоир, ки дар китобхонаву осорхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд, маълумот дода шудааст. Аз ин рӯ, он ҳамчун пажуҳиши аввалин барои таҳқиқоти баъдии рӯзгор, осори адабию фалсафии шоир ва сабку услуби шеъри ӯ заминаи хубест.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович аз муқаддима, 3 боб, 8 фаслу 6 зерфасл ва хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар маҷмуъ 167 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад. Ҳар як боб дар такя ба сарчашмаҳои муътамад бо шеваи хуби нигориши илми таҳқиқ шуда, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддима диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои

асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Чунонки муаллиф дар иртибот бо мубрамияти мавзуи таҳқиқаш қайд намуда, ҳалли масоили марбут бо зиндагинома, осор, мундариҷаи ғазалиёт, рубоиёт ва андешаву орои ирфонию фалсафӣ ва иҷтимоӣ, забон ва услуби баёни Саҳобии Астарободиро мубрамияти таҳқиқ ҳисобидааст, ки ҳақиқатан то ба ҳол дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик нокушуда мондаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осори Мавлоно Саҳобии Астарободӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия - **«Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ»**, буда аз ду фасл иборат аст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар фасли аввали он **«Рӯзгори Саҳобии Астарободӣ»**, ҳаёти шоирро дар такя ба манобеъи таърихӣ, хусусан тазкираҳо барқарор намояд. Аз сарчашмаҳои истифодашуда маълум мегардад, ки дар ҳақиқат муаллиф барои ба хулосаи ниҳоӣ расидан манбаъҳои зиёдеро ҷустуҷӯ намуда, сипас ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст. Алалхусус, ӯ дар муқоиса ба маълумоти сарчашмаҳо ба натиҷае расидааст, ки Саҳобии Астарободӣ, ҳам дар солҳои ҳукмронии Таҳмоспи I (1524-1576) ва ҳам дар солҳои салтанати шоҳ Аббоси I (1571-1629) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ба пиндори муаллиф санаи вафоти шоир, ки дар сарчашмаҳо зикр шудааст, нишон медиҳад, ки рӯзгори шоир мувофиқ ба солҳои охири ҳукмронии Таҳмоспи I ва солҳои аввали салтанати Аббоси I мувофиқ меояд. Давраи зиндагии Саҳобии Астарободӣ замони пурихтилофу печидаи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, ба давраи муборизаҳои хунини Сафавиёну Темуриён ва Шайбониён, муборизаҳои динию мазҳабӣ, ки ба муҳоҷирату парешонии аҳли илму адаб сабаб гашта буд, рост меояд. Муаллиф хулоса мекунад, ки Саҳобии Астарободӣ соли 1010 ҳиҷрӣ-қамарӣ, баробар ба соли 1601 мелодӣ, дар шаҳри Наҷафи Ироқ вафот карда, ҳамон ҷо дафн шудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур, ки **«Осори адабии Саҳобии Астарободӣ»** ном дорад муаллиф осори шоирро таҳқиқ намуда, онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҷолиби диққат аст, ки ин фасл бештар дар такя ба дастхатҳои шоир таҳқиқ шудааст. Маълум мегардад, ки муаллиф дар баробари пажуҳиш, инчунин осори гаронбаҳои шоирро дастрас ва мавриди истифода қарор додааст, ки аҳаммияти таҳқиқотро боз ҳам афзун мегардонад.

Боби дуюми диссертатсия - **«Мавзуъ ва мундаричаи ғазалиёти Саҳобӣ»** номгузорӣ шуда, аз чор фасл ва фасли 2-юм, дар навбати худ, аз се зерфасл иборат аст. Муаллиф дар ин боб ғазал ва анъанаи ғазалсарой, муҳтавои ғазалиёти Саҳобӣ, вижагиҳои онҳо ва таъсирпазирии шоирро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар фасли якум **«Ғазал ва анъанаи ғазалсарой»** вижагиҳои ғазал аз пайдоиши он то ба асри XVI мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли дуюм **«Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ»** аз се зерфасл иборат аст. Муаллиф собит менамояд, ки мавзуи ишқу ошиқӣ, мадҳи Парвардгор, маъшуқа, табиати рангоранг дар ғазалиёти шоир зебову дилнишин ҷилвагар шудаанд. Ӯ монанди дигар суханварони орифу сӯфӣ ҷилваҳои гуногуни ишқу ирфон ва масоили дигарро дар ғазалҳояш ба намоиш мегузорад. Муайян кардааст, ки дар ашъори Саҳобӣ мадҳи сарватмандон, амирону подшоҳони давр ба назар намерасад. Тибқи пажуҳиши муаллиф ҳатто дар маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидаи Саҳобӣ низ мадҳу ситоиши шоҳ дида намешавад, балки мазмуни ин маснавӣ пандуахлоқист. Ғазалиёти шоир таҷассумгари ҳолатҳои рӯҳию равонии гуногуни ҳаёти ӯ мебошанд. Ҳамин аст, ки мавзуъ ва муҳтавои мухталифро дар бар мегиранд.

Муаллиф аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ғазалиёти шоирро чунин тақсимбандӣ кардааст:

1. Ғазалиёти орифонаву ошиқона, марбут ба ишқи илоҳӣ;
2. Ғазалиёти ошиқона, марбут ба ишқи заминӣ;
3. Ғазалиёти панду ахлоқӣ ва шикояти рӯзгор;
4. Тасвири табиат.

Муаллиф сабаби ҷойи аввалро соҳиб шудани ғазалиёти орифонаву ошиқонаи шоирро ба шахсияти шоир ва биниши орифонаву ошиқона ва сӯфиёнаи ӯ марбут медонад, ки дуруст аст, зеро дар асри XVI ғояҳои тасаввуфӣ ва ирфонӣ бартарӣ доштанд, ашъори аксарияти шуарои ин давра пайванд ба андешаҳои динию тасаввуфианд.

Зерфасли якуми ин фасл **«Мавзуи ишқу ошиқӣ»** унвон гирифтааст. Муаллиф дар такя ба гуфтаҳои тазкиранигорон собит кардааст, ки Саҳобӣ орифи ошиқ аст. Аз ҷумла менависад: «Ишқ дар ғазалиёти Саҳобӣ яке аз мавзуъҳои муҳим ва меҳварӣ буда, тору пуди ашъори ӯ аз матои ишқу ошиқӣ танида шуда, тазкиранигорон низ шоири орифу ошиқ будани ӯро таъкид кардаанд. Худи шоир низ дар ғазалиёташ борҳо мақому манзилати худро дар ошиқӣ таъкид мекунад ва овозаи ашъори ошиқонааш, ки дар «кавну макон» танинандоз гардидааст, хабар медиҳад» (диссерт, саҳ. 59-60).

Дар зерфасли дуюми фасли мазкур ки **«Панду ҳикмат»** ном дорад, муаллиф масоили пандуахлоқии ғазалиёти шоирро мавриди баррасӣ қарор

додааст. Маврид ба таъкид аст, ки бунёди адабиётро панду ҳикмат ташкил медиҳад, аз ин рӯ, диққат додан ба андешаҳои пандуахлоқии адиби таҳқиқшаванда, яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар диссертатсияи мавриди баррасӣ ҳамин нукта ба назар гирифта шудааст. Аз ин қисмати дтиссертатсия бар меояд, ки андешаҳои пандуахлоқии Саҳобӣ барои тарбияи насли наврас аҳаммияи калон доранд, зеро дар онҳо риёкорӣ, фиребгарӣ, дурӯғу буҳтон, пурхӯрӣ, баднафсӣ, айбҷӯӣ, таъна задан, худбинӣ, хиёнаткорӣ, мардумозорӣ ва дигар амалҳои бади инсонӣ мазаммат шуда, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз қабили ростгӯӣ, сабру таҳаммул, ҳунармандӣ, амин будан, мардонагӣ, росткорӣ, ростқавлӣ, некиву накукорӣ, ҳурмату эҳтироми инсонҳо ситоиш шудааст.

Зерфасли сеюми фасли дуюм **«Мавзуъҳои дигар»** унвон гирифтааст. Муаллиф дар ин зерфасл масъалаҳои худогоҳию худшиносӣ, шиква аз рӯзгор, бемурувватӣ, беқадрии сухан, фақр ва дигар мавзуъҳоро таҳқиқ кардааст.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия **«Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ»** унвон гирифтааст. Муаллиф дар ин фасл чанде аз вижагиҳои ғазалиёти шоирро нишон додааст:

1. Бархе аз муҳаққиқон хурдтарин ғазалро аз 5 байт иборат медонанд, вале дар девони Саҳобӣ ғазали 4-байтӣ низ ба мушоҳида мерасад;
2. Яке аз вижагиҳои ғазалҳои Саҳобӣ аз он иборат аст, ки тахаллуси ӯ дар баъзе ғазалҳояш ду бор зикр мешавад;
3. Корбурди зиёди санъати талмеҳ дар ғазалиёти шоир.

Ба хулосаи муаллиф, шоир дар ғазалҳояш ҳам ба достону қиссаҳои маъруфи адабиёт ва ҳам ба қиссаҳои динӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, суннати талмеҳгароии адибони орифро идома ва густариш бахшидааст

Фасли чоруми боби дуюм **«Таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ аз пешиниён»** ном дорад. Муаллиф бо далелҳо собит кардааст, ки Саҳобии Астарободӣ чун дигар шуаро аз ашъори пешиниён баҳрабардориҳо кардааст. Ба таъкиди ӯ шоир дар баробари ғарқ будан дар баҳри улуми динию дунявӣ, инчунин ба адабиёти бадеӣ низ мароқи зиёд зоҳир кардааст. Шоир аз осори Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Шамси Табрезӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Бадриддин Ҳилолӣ баҳрабардорӣ кардааст. Муаллиф ашъори Саҳобиро бо ашъори Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва Бадриддин Ҳилолӣ қиёс намуда, собит кардааст, ки Саҳобӣ аз онҳо баҳра бардоштааст. Пас аз таҳлилу андешарониҳо дар ин фасл ӯ ба чунин хулоса меояд: «Аз таҳлилу таҳқиқи ашъори Саҳобии Астарободӣ бармеояд, ки ӯ аз шоирони мазкур баҳраҳои зиёде гирифтааст, аммо тақлид накардааст, балки бо тобишу

маонии дигаргуна ва ҳатто гоҳе содатару хубтару нозуктаре мафҳуму маъниҳоро ба риштаи назм кашидааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Саҳобии Астарободӣ шоири огоҳу пурмутолиа будааст ва ба осори пешиниёну ҳамзамонони худ ба қадри кофӣ ошноӣ доштааст» (диссерт, саҳ. 99).

Боби сеюми диссертатсия **«Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо»** ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми боби сеюм **«Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ»** ном гирифта, аз се зерфасл иборат аст. Муаллиф дар фасли мазкур собит намудааст, ки рубоиёти Саҳобӣ мавзуҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ ва пандуахлоқиро фаро гирифта, мардумро ба некию накукорӣ, дӯстию рафоқат, ростиву сидқ, қаноату фурӯтанӣ, покиву иффат барин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекунанд. Аз андешаронӣ ва таҳлилу баррасиҳо дар ин фасл собит мегардад, ки муаллиф дар хусуси рубоиёти Саҳобӣ ҷустуҷӯҳои зиёде анҷом додааст. Алалхусус, истифода аз дастхатҳои шоир баёнгари гуфтаи болост. Масъалаи дигаре, ки дар ин фасл қобили истиқбол аст, андешароииҳо оид ба интисоби рӯбоиёти Саҳобӣ ба Умари Хайём, Ибни Ямин, Бобо Афзали Кошонӣ ва Шоҳ Санҷони Хофӣ мебошад. Муаллиф дар такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва осори шоирони мазкур собит намудааст, ки дар рубоиёти онҳо омезиш вуҷуд дорад. Муаллиф дар хусуси нисбат додани рубоиёти Саҳобӣ ба Хайём пас таҳлилу баррасиҳо ба чунин хулоса омадааст: «Шоироне мисли Соиби Табрезӣ, Муҳаммад Иқбол ва тазкиранигорон ҳунари баланди рубоисароии ӯро таъкид кардаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Саҳобӣ дар замони худ, яъне, охирҳои асри XVI ва аввалҳои қарни XVII ҳамчун рубоисаро машҳур будааст. Аммо ба назари мо то ба имрӯз шоиреро наметавон ном бурд, ки рубоиёташ монанди рубоиёти Хайём шуҳратёр гардида бошанд. Зеро дар ҷомеаи имрӯзаи мо на фақат дар миёни аҳли адабу равшанфикрон, балки миёни мардуми омма низ рубоиёти ӯ шуҳрати беандоза доранд ва қарнҳо инҷониб барои баланд бардоштани маънавиёти башар хизмат менамоянд» (диссерт, саҳ. 109).

Зерфасли якуми фасли зикршуда **«Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир»** ном гирифтааст. Ҷой доштани андешаҳои иҷтимоӣ дар эҷодиёти ин ё он шоир аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ ҳамеша дар паҳлуи мардум будаву аз дарду ранҷ, шодию нишоти мардум бохабар ва ҳамдаму ҳамрози халқ зиста аст. Дар зерфасли мазкур муаллиф нишон додааст, ки Саҳобӣ бо вуҷуди нобасомониҳои замон, ривоҷ ёфтани андешаҳои орифонаву динӣ масоили иҷтимоӣ, хусусан мушкилоти мардум аз нуқтаи назари ӯ дур намондаанд. Албатта, дар рӯзгори шоир рӯ овардани шоирон ба мавзуҳои ишқӣ-ирфонӣ талаби замон буд, зеро адабиёт то андозае аз ҳаёти иҷтимоӣ ба масоили

динию тасаввуфӣ майл карда буд. Дуруст аст, ки дар эҷодиёти шоирони қаламрави Сафавия масоили иҷтимоӣ нисбат ба дигар давраҳо кам матраҳ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, муллиф дар ин бахши таҳқиқ нишон додааст, ки дар рубоиҳои Саҳобӣ бо мавзуҳои иҷтимоӣ, шикоят аз рӯзгори сангини халқ ва танқиди замон низ рӯ ба рӯ мешавем.

Зерфасли дуюми фасли якуми боби сеюми диссертатсия **«Андешаҳои ирфонии рубоиҳои Саҳобӣ»** унвон гирифта, ба пажуҳиш ва таҳлили рубоиёти ирфонии шоир иртибот мегирад. Аз таҳқиқот дар диссертатсия бар меояд, ки рубоиёти Саҳобӣ бештар матраҳкунандаи ғояҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқию ахлоқиянд. Тавре худи муаллиф зикр мекунад: «Маҷмуан, дар осори шоир масъалаҳои ҷаҳоншиносӣ, аз он ҷумла, унсурҳои тафаккури фалсафӣ, масъалаҳои ахлоқу арзишҳо ба таври густарда инъикос шудаанд» (диссерт, саҳ. 121).

Тибқи таҳқиқи муаллиф навад дарсади мазмуну муҳтавои рубоиёти шоирро андешаҳои ирфонӣ ташкил медиҳанд. Бархе аз рубоиёти Саҳобӣ ба масоили худшиносӣ низ бахшида шудаанд. Ӯ дар рубоиёташ ба ин мавзуъ пардохта, дар баробари ташвиқ ба худшиносӣ, тавозуъ, фурӯтанӣ ва худшиканиро махсус тавсиф кардааст (диссерт, саҳ. 128).

Бояд тазаккур дод, ки дар ин фасл аз ҷониби диссертант рубоиҳои пурмуҳтаво интихоб ва мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки аз идроки хуби муаллиф ва муҳаббату самимияти ӯ ба шеъру шоирӣ, хусусан ба дабиёти классикии форсии тоҷикӣ дарак медиҳад.

Зерфасли сеюми фасли якуми боби мазкур **«Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти шоир»** ном дорад. Муаллиф дар ин зерфасл масоили пандуахлоқии рубоиёти Саҳобиро матраҳ кардааст. Ин мавзуъ дар рубоиёти шоир низ ҷойгоҳи хос дорад. Унвонҷӯ зикр мекунад, ки андешаҳои пандуахлоқии ӯ дар рубоиёташ дар қиёс ба ақидаҳои фалсафияш камтар ба назар мерасанд, аммо шоир тавониста, ки мавзуи панду ахлоқро, то ҷое, ки имконпазир аст, баён намояд. Дар ин зерфасл низ муаллиф рубоиёти ҷаззобу шӯрангези Саҳобиро овардааст, ки моломол аз панду ҳикмат мебошанд (диссерт., саҳ. 132).

Маврид ба таъкид аст, ки дар зерфасли зикршуда низ аз дастхати «Куллиёт»-и шоир низ истифода гардидааст, ки қиммати таҳқиқотро меафзояд.

Фасли дуюми ин боб **«Забон ва услуби баёни адиб»** ном дорад. Дар фасли мазкур муаллиф забон ва услуби баёни шоирро хуб мавриди баррасӣ қарор додааст. Чун дигар фаслҳои диссертатсия хулосабарориҳои мантиқӣ, мисолҳои баҷо ва мушаххас дар ин фасл оварда шуда, диссертант мақсади дар пеш гузоштаи худро бо таҳлилу баррасиҳояш нишон додааст. Хусусан,

бепироя таъкид шудани рубоиёти Хайём ва Саҳобӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва ба баррасӣ кашидани ин масъала аз ҷониби муаллиф дар ин қисмати диссертатсия масъалаи ҷолиби илмӣ аст.

Хулосаи диссертатсия 19 бандро дар бар мегирад. Ҳар як банд ба мақолаи зарурӣ истинод шудааст. Муаллиф натоиҷи таҳқиқоти хешро ба тарви басо муҷаз пешниҳод намудааст. Инчунин, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ дар 8 банди дигар бисёр хуб ироа шудаанд. Маҷмуан, таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз нигоҳи забону услуб дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, орӣ аз ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ мебошад. Андешарониҳо, таҳлили масоили дарпешгузошта, натиҷагирии шахсӣ ва изҳори назари шахсӣ нисбат ба назариёти донишмандони дигар - ин ҳама аз донишу малака ва таҷрибаи муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд. Аз ҷиҳати навгонӣ услуби таҳқиқ диссертатсия сазовори ситоиш аст.

Аммо, диссертатсия дар баробари муҳассаноту муваффақиятҳо баъзе камбудҳову норасоиҳо низ дорад, ки ислоҳи баъдии онҳо муҷиби фузунии ҳусни он хоҳад гашт. Чунончи:

1. Ба назари мо, боби сеюм “Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо” дар боби дуюм ҷой дода мешуд, беҳтар буд. Зеро тавре ки ба мо маълум аст, Саҳобӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун рубоисарои мумтоз маъруф аст. Аз ин сабаб, дар боби дуюм рубоиёт ва дар боби сеюм ғазалиёти шоирро ба таҳқиқ кашидан накӯтар буд.

2. Боби сеюм диссертатсия “Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо” номгузорӣ шудааст. Ба назари мо, боби мазкур дар гунаи “Рубоиёти Саҳобӣ, мавзуъ ва муҳтавои онҳо” тағйир дода мешуд ва ё “Рубоиёти Саҳобӣ ва муҳтавои онҳо” номгузорӣ мешуд, хубтар, зебо ва ифодакунандаи матлаб буд. Зеро гунаи “мавзуву”, ки натиҷаи ҷамъбандии “мавзуъ” ва ихтисори пайвандаки “ва” мебошад, аслан нодуруст аст. Дар фасли дуюми боби дуюм ва дар фасли аввали боби сеюм низ ҳамин ҳолат такрор гардидааст.

3. Ба назари мо, бобҳои якуму дуюм муттаҳид карда мешуданд ва дар як боби алоҳида маснавии ба шоҳ Аббос бахшида ва рисолаи “Урват-ул-вусқо”-и шоир батафсил таҳқиқ мегардиданд, беҳтару муҷазтар мешуд. Масалан, боби якум “Мундариҷаи рубоиёт ва ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ” ва боби дуюм “Маснавӣ ва рисолаи “Урват-ул-вусқо” ва муҳтавои онҳо” номгузорӣ мешуд, боз ҳам диссертатсия мукаммалтар мегардид.

4. Дар диссертатсия гоҳ-гоҳ ағлоти техникӣ, афтодани ҳарфҳо (рҳияи– дисс., саҳ 14), такрори андешаи муаллиф низ ба назар мерасад.

Аммо, зикри норасоиҳои мазкур, ба ҳеч ваҷҳ, бар пуррагии диссертатсия халали ҷиддӣ ворид намесозанд, чун таҳқиқоти муаллиф дар ниҳояти худ бaанҷомрасида фарогир ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ аст ва бо унвони кору масоили матраҳнамудаи муаллифи он куллан мутобиқат дорад. Муаллиф баъдан, зимни таҳияи монографияи илмияш метавонад ҷиҳати ислоҳи онҳо бияндешад ва бар тибқи майлу хоҳиши худ онҳоро такмил намояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович муҳтавои асосии диссертатсияро ннъикос намуда, бо меъёрҳои роиҷи кори илмӣ мутобиқат менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 - Адабиёти тоҷик, комилан мувофиқат мекунад.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 - Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
д.и.ф., профессори кафедраи
забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон: Саидҷаъфаров О. Ш.

Сана: «26» майи соли 2023.

Имзои Саидҷаъфаров О. Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У. А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14,
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Тел./факс: (+992) 200004900
e-mail: Ozod_060374@mail.ru